# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии **6D.**КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17 июли соли 2025, №76**

Барои сазовор донистани Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 12 марти соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №34-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид 25.07.1965 дар деҳаи Ҷартепа, ҳозира деҳаи Хуррамзамини ноҳияи Данғараи Вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 1981 МТМУ №8 ноҳияи Данғараро хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Қурғонтеппа дохил шуда, онро бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст.

Саидзода Ниёзмуҳаммад соли 2005 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппаро бо ихтисоси иқтисодиёт ва идоракунӣ хатм намуда, аз соли 1987 то соли 2003 дар вазифаҳои сарвари пешоҳангон, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, ҷонишини директор оид ба таълими синфҳои ибтидоӣ ва ҷонишини директор оид ба корҳои таълим фаъолият намудааст.

Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид солҳои 2003 – 2913 директори МТМУ №8, директори МТМУ №2-и ноҳияи Данғара фаъолият намудааст. Солҳои 2013 – 2018 дар вазифаи мудири шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Данғара адои вазифа намудааст. Аз соли 2018 то соли 2024 ба ҳайси директори Литсейи хонандагони болаёқати шаҳри Бохтар фаъолият намудааст. Айни замон директори Маркази рушди малакаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара мебошад.

Мавзуи кори диссертатсионии Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», дар ҷаласаи шурои олимони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Гулмадов Файз – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

**Иматзода Лутфия Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Давлатова Ниёзбӣ Ҳабибуллоевна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар аз 17.06.2025, протоколи №11, ки онро раиси ҷаласа Нарзуллоев Х.С. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи ва психологияи донишгоҳи мазкур, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шарифов М.Ғ. ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявӣ, саромӯзгори кафедраи педагогикаи донишгоҳи мазкур Нураҳмадзода Д. имзо карда ва ректори донишгоҳ - доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ кардааст, қайд гардидааст, ки “...саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷу оид ба проблемаи таҳқиқот дониши хуби назариявӣ-илмӣ дорад, бо адабиёти илмӣ-педагогӣ хуб шинос аст ва аз ҳама муҳимаш адабиёти илмиро дар таҳқиқот хуб истифода бурда метавонад. Махсусан, таҳлилҳои дар зербандҳои якум ва дуюми боби якуми диссертатсия овардашуда оид ба асарҳои олимон пояи илмӣ дошта, далелнок ва боварибахш мебошанд. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ худи унвонҷу низ хулосаҳои мантиқан илмӣ баровардааст. Диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид кори илмии мукаммал буда, дар он ғояи асосии пешбар ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани

ҷуръатнокии ахлоқӣ ин ташкил намудани корҳои гуногуни коллективона ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир унвонҷӯ бештар ҳангоми ташкилу гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ба корҳои амалӣ диққати махсус додааст.

Дар ҳамин асос метавон ба натиҷа расид, ки кори таҳқиқотии Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» таҳқиқоти баанҷомрасида буда, автореферат муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос карда, мақолаҳои чопнамудаи муаллифи диссертатсия ба талаботи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, фарогири мавзуи диссертатсия мебошад”.

Инчунин, қайд гардидааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 5 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1 – М] **Саид Н.С., Гулмадов Ф.** Аҳамияти тарбияи малакаи ҷуръатнокии ахлоқӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2017. – №3/5. С. 297 – 303. ISSN – 2074 – 1847.

[2 – М] **Саид Н.С., Гулмадов Ф.** Фаъолияти якҷояи мактаб ва оила дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2017. – №3/7. С. 174 – 179. ISSN – 2074 – 1847.

[3 – М] **Саид Н.С.** Сущность и содержание формирования нравственной смелости младших школьников в учебно-воспитательном процессе. Вестник Таджикского национального университета. Душанбе. 2017. – №3/4. С. 254 – 260. ISSN – 2074 – 1847.

[4 – М] **Саид Н.С.** Фаъолияти муштараки муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва волидон ҷиҳати истифодаи анъанаҳои хонаводагӣ дар ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. 2018. – №6. С. 246 – 251. ISSN – 2074 – 1847.

**[5 – М] Саидзода Н.С.** Баъзе ҷанбаҳои педагогииғанӣ гардонидани таҷрибаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2023. – №3 (48). С. 109 – 114. ISSN 2222 – 9809.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмии зикргардида диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия салоҳиятҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати дар мактаббачагони хӯрдсол ташаккул додани малакаи тарбияи ҷуръатнокии ахлоқӣ васеътар кушода дода нашудааст.

2. Унвонҷӯ зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ сатҳи ташааккул ёфтани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хӯрдсолро муайян намудааст, агар бо мисолҳо пурра мегардиданд, ба манфиати кор мебуд.

3. Дар диссертатсия вобаста ба тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хӯрдсол ба масъалаҳои худрушдиҳӣ муносибати танқидӣ ба рафтори худ камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

4. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ ба чашм расид.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд ва онҳо барои дар оянда беҳтар гардидани сифати диссертатсия кӯмак мерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хӯрдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо ворид шудаанд. Тақризҳоро шахсони зерин ирсол намудаанд:

1. Мухаметов Гапур Бабаевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарриз тасия намудааст, ки мебоист унвонҷӯ вобаста ба хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии мактаббачагони хӯрдсол зимни ташкили корҳои коллективона бештар ба малакаи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таваҷҷуҳ менамуд.

2. Сафарзода Даврон Ҷурахон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз дар охири тақриз қайд намудааст, ки хуб мешуд минбаъд унвонҷу ҷиҳати баланд бардоштани маданияти педагогии волидон аз шаклу усулҳои боз ҳам самараноктар истифода мебурд.

3. Саидзода Низомиддин Тоҷиддин – номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Муқарриз эрод надорад.

4. Носиров Саъдулло Шукулоевич – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, дотсен, сармутахасссиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат такриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 12 марти соли 2025, №34-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудааст:**

– моҳият ва ҷанбаҳои назариявии ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар адабиёти педагогию психологӣ **таҳлил карда шудааст.**

– пешзаминаҳои назариявӣ ва ғоявии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **муайян карда шудааст**.

– технологияи педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол **таҳия карда шудааст.**

– бо роҳи гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ дурустӣ ва мантиқӣ будани фарзияи кории пешниҳодшуда, санҷиш ва арзёбии ҷамъбастии технологияи ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол **собит карда шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– мавқеи самараноки истифодаи самараноки корҳои тарбиявӣ, ҷиҳати дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ мутобиқ бо замони муосир роҳандозӣ гардида, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

– шартҳои педагогии ташаккули ҷуръатнокии ахлоқӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти ташкилу ба роҳ мондани корҳои тарбиявии мақсаднок **баррасӣ карда мешаванд;**

– мақсади асосии риояи қоидаҳои рафтори ахлоқӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни мақсаднок ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ **ошкор ва аниқ карда мешаванд;**

– дар ҷараёни ташкилу ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ барои мукаммал намудани таъсирбахшии корҳои тарбиявӣ ҷиҳати дар мактаббачагони хурдсол ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ тадбирҳои судманд андешида шуда, мавриди озмоиш **қарор дода мешаванд;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

– коркард ва таҳияи тарзу воситаҳои муассир **метавонад** дар ҳалли масъалаҳои ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол дар ташаккули минбаъдаи шахсияти хонандагони синфҳои **кӯмак расонанд;**

– пешниҳоди тавсияҳои дар диссертатсия ироагардида ба таври самаранок дар ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол шароит **фароҳам меоварад**;

– озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи махсуси корҳои тарбиявӣ оид ба ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол ба худтакмилёбӣ ва худрушддиҳии онҳо **кӯмак мерасонад;**

– мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор падару модарон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

– мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ҳамчун

курси махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва барои бозомӯзии омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

– натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳия ва омода намудани барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

– асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

– маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

– интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

– тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

– таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

– муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтанд;**

– истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

– иштироки бевоситаи муаллиф дар озмоиши педагогӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

– муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии дар раванди ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

– натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқот тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

– **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

– **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

– **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

– **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

– **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

– **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол;

– **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

– **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи махсуси ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол;

– **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

– **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

– **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

– **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

– **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

– **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани сатҳи салоҳияти падару модарон;

– **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

– **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи махсуси ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол;

– **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 17 июли соли 2025, №76 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобили – 1, бюллетенҳои беэътибор - нест

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 17.07.2025

Муҳри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.